«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори МДТ«Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав»
профессор: _________ ДавлатзодаС.Х.
22.04.2022.

# ХУЛОСАИ

**Шурои олимони факултети таърих ва ҳуқуқи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»**

Диссертатсияи Мирзоев Ғолибшо Шарифовичдар мавзуи «Фаъолияти «биступанҷҳазориён» ва бригадаҳои сарпараст дар Тоҷикистон (солҳои 1929-1941)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02- таърихи ватанӣ дар кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба анҷом расонида шудааст.

Муҳокима ва экспертизаи давраи якуми диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 30.03.2022, №:8 гузаронида шудааст.

Мирзоев Ғ.Ш. соли 1994 ДДОТ ба номи Қ.Чураев (ҳозира ба номи Садриддин Айнӣ)-ро аз руйи ихтисоси таърих ва педагогика хатм намудааст.

Роҳбари илмӣ- Ғафуров Абдулло Мутиллоевич номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ ба номи Аҳмади Дониши АМИТ. Мавзуи диссертатсияи номзадии мазкур дар ҷаласаи Шурои олимони ДДҚ ба номи Носири Хусрав аз 25.09.2017, суратмаҷлиси № 2 тасдиқ шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки ин мавзӯъ доимо дар маркази диққати таърихшиносон қарор дорад. Рисолаи мазкур дар асоси омӯзиш ва таҳлили маводи бойгониҳои ҳизбӣ ва давлатии ҷумҳурӣ, дастовардҳои

таърихнигорӣ ва ёддоштҳои иштирокчиёни сохтмони колхозӣ дар Тоҷикистон анҷом дода шудааст. Дар таърихнигории Тоҷикистон ин мавзӯъ қисман ва дар бобҳои алоҳида ҳангоми инъикоси масъалаи коллективонии хоҷагии қишлоқ баррасӣ шудааст: аз ҷумла дар асарҳои бунёдӣ ва маҷмуаҳо, асарҳои инфиродӣ ва мақолаҳои илмӣ.Дар доираи баёни мавзуот дар ин асарҳо фаъолияти биступанҷҳазориён ва бригадаҳои сарпараст дар Тоҷикистон инъикос ёфтаанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ба истиснои асари А.Русаков, ҳамаи муаллифони дигар масъалаи мазкурро дар ҷараёни фарогирии мавзӯъҳои асосии худ ва ба андозаи нопурра баррасӣ кардаанд. Танҳо А. Русаков дар асоси таҳлили далелҳои мушаххас ҷанбаи муҳими кори коргарон - биступанҷҳазориёни Русияро, ки дар Осиёи Миёна, аз ҷумла дар Тоҷикистон, дар самти ҷорӣ намудани низоми нави муносибатҳои истеҳсолии сотсиалистӣ, ташкили иттифоқи синфи коргар ва деҳқонони тоҷик анҷом дода буданд, мухтасар баён карда аст. Қарори Пленуми ноябрии (1929) Комитети Марказии ҳизби коммунистӣ дар бораи зарурати фиристодани биступанҷҳазориён - коргарони Русия ба Осиёи Марказӣ бори аввал дар китоби А. Русаков «Таърихи коллективонии хоҷагии қишлоқ ва таъсиси низоми колхозӣ дар Тоҷикистон» қайд карда шудааст.

Мақолаи К.И. Богомолова “Биступаҷҳазориён дар Тоҷикистон” низ ба ҳамин масъала бахшида шуда, дар он дар бораи ба Тоҷикистон омадани "биступаҷҳазориён" ва саҳми онҳо дар рушди хоҷагии халқи Тоҷикистон сухан меравад.

Мавзӯи баррасишаванда дар монографияи Ҳ.Гадоев (В семье единой и великой. Душанбе, 1970.) инъикоси васеътар гирифт. Ин асар миқдори зиёди иттилооти муҳимро дар бораи сарпарастии коргарони Русия дар Тоҷикистонро дар бар мегирад, аммо таҳқиқот яктарафа буда, ҳангоми таҳлили масъалаҳои алоҳида баҳои объективии муаллиф вуҷуд надорад, инчунин робитаҳои мавзӯӣ ва мантиқӣ мавҷуд нестанд. Муаллиф, зоҳиран,

кӯшиши бештар додани маълумотро кардааст ва ба маъно ва ҷойгоҳи далелҳои инъикосёфта эътибор надодааст.

Саҳми муҳаккик Р.А. Абулҳаев дар соҳаи сохтмони хоҷагии об дар маҷмӯъ, алалхусус дар водии Вахш, сазовори таваҷҷӯҳ аст. Олим дар тадкиқоти худ маҷмӯи масъалаҳои марбут ба обёрии ин водиро омӯхта, масъалаҳои кӯмаки коргарони Русия, аз ҷумла биступанҷҳазориёнро ба мардуми тоҷик дар татбиқи барномаи ҳизб ҳангоми сохтмони Вахшстрой баррасӣ ва воқеъбинона фаро мегирад.

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсия ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он ба тартиби муқараршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02- таърихи ватанӣ мутобиқат менамояд.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба сархати 9-и «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, №503) » иртибот дошта, масъалаи гиромидошти таърихи пурғановати миллати тоҷик ва таҳқиқи он дар шароити кунунӣ яке аз масъалаҳои мубрам ба шумор меравад.

**Мубрамияти мавзуъ** Дар замони истиқлолияти давлатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон се ҳадафи стратегии хешро эълон намуд, ки онҳо иборатанд аз: таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ҳифзи амнияти озуқаворӣ. Солҳои охир стратегияи чорум эълон шуд, ки он саноатикунонии босуръати кишвар мебошад. Барои татбиқи ин барномаҳои бузург ва самаранок истифода бурдани замин ва идоракунии ин раванд таҷрибаи биступанҷҳазориён ва сарпарастони солҳои 30-уми асри XX, ки он замон тавонистанд дар иқтисодиёти Тоҷикистон инқилоб ба амал оранд, метавонад муфид бошад.

Мубрамияти мавзуъ дар он низ зоҳир мегардад, ки омӯзиши таҷрибаи замони гузашта дар татбиқи нақшаҳои имрузаи Ҳукумати Тоҷикистон метавонанд чун таҷрибаи таърихӣ кумак намоянд. Дар шароити татбиқи чаҳор ҳадафи стратегии кишвар, ба инобат гирифтани таҷрибаи замони индустрикунонӣ ва коллективонии хоҷагии халқи мамлакат, ба андешаи мо, хеле муфид хоҳад буд.

Дар таърихи сохтмони сотсиалистӣ дар Тоҷикистон ҷои намоёнро "биступпанҷҳазориён" ва бригадаҳои сарпараст - отрядҳои пешрафтаи синфи коргари Русия ишғол мекунанд. Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шуравӣ ва Ҳукумати Шуравӣ аз вазифаҳои бартараф намудани қафомонии иқтисодӣ ва тараққиёти пуравҷи тамоми хоҷагии халқи ҷумҳурӣ баромада, барои тезондани тараққиёти колхозҳо ва тараққӣ додани обёрӣ ва заминкушоӣ дар Тоҷикистон чораҳои зарурӣ андешиданд.

**Навоварии илмии рисола**:

а) раванди ба Тоҷикистон омадан ва ҷобаҷокунии "биступпанҷҳазориён"ва бригадаҳои сарпараст нишон дода мешавад;

б) саҳми онҳо дар рушди саноати кишвар муайян карда мешавад;

в) нақши "биступпанҷҳазориён"дар рушди соҳаи аграрии Тоҷикистон инъикос меёбад;

г) бори аввал ба муомилоти илмӣ маводи нави бойгонӣ ворид мешавад, ки саҳми "биступпанҷҳазориёнро" дар равандҳои иншооти обёрӣ ва азхудкунии заминҳои нав дар ҷумҳурӣ, бахусус дар водии Вахш, инъикос мекунад;

д) хусусиятҳо ва мушкилоти ин марҳила муайян карда мешавад.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишоротинатиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.**Диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ-таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ пурра ҷавобгӯй аст. Автореферат ва мақолаҳои чопшудаи диссертант муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Аз шумораи мақолаҳои

чопшудаи диссертант панҷтои он дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидаанд:

1. Мирзоев Ғ.Ш. О прибытии первых рабочихдвадцатипятитысячников в Таджикистан.Паёми ДМТ, №7. - 2018. - С. 38-42.
2. Мирзоев Ғ.Ш.Содействие двадцатипятитысячников и шефских бригад в создании колхозного строя. Паёми ДМТ. - №4. – С. 88-93.
3. Мирзоев Ғ.Ш. Развитие производительных сил сельского хозяйства Таджикистана в 30-е годы XX. Паёми ДМТ. - №3, 2020. – С. 81-86.
4. Мирзоев Ғ.Ш. Бистопанҷҳазориён ва нақши онҳо дар ташаккули Тоҷикистони шӯравӣ /Ғ.Ш. Мирзоев //Муаррих (маҷаллаи илмӣ-назариявии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ). - №2. – С. 71-76.
5. Ғафуров А.М., Мирзоев Ғ.Ш. Ба Тоҷикистон омадани коргарони рус – бистопанҷҳазориён ва бригадаҳои сарпараст.Паёми ДМТ. - №4. С. 2022. – С.77-84.

**Таълифоти муаллиф дар маҷмуаҳои илмӣ ва нашриятҳои дигар**

1. Мирзоев Ғ.Ш. Нақши бистопанҷҳазорнафарон дар азхудкунии водии Вахш (дар мисоли В. П. Красичков)// Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 75-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ (с.1941-1945) дар мавзуи «Нақши илмҳои дунявӣ дар рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол», ш. Бохтар, ДДБ ба номи Носири Хусрав. – 2020. – 17 авг. – С.159-162.
2. Мирзоев Ғ.Ш. Саҳми бистопанҷҳазорнафарон дар сохтмони иншоотҳои ирригатсионӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 75-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ (с.1941-1945) дар мавзуи «Нақши илмҳои дунявӣ дар рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол», ш. Бохтар, ДДБ ба номи Носири Хусрав. – 2020. – 17 авг. – С.184-189.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Муҳтавои диссертатсия дар шакли маърӯзаҳо дар конференсияҳои ҳарсолаи илмию назариявии ҳайати профессорону устодони МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» мавриди муҳокимаву баррасӣ қарор гирифтааст. Рисола дар маҷлиси васеи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав муҳокима гардида, ба ҳимоя пешниҳод шудааст. Аз рӯйи мавзӯи диссертатсия, дар маҷмуъ 7 мақола, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳое, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта шудаанд, чоп шудааст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.**Маводи диссертатсия ва дастовардҳои илмии таҳқиқотро дар вақти навиштани асарҳои таърихӣ, таълифи рисолаҳои илмӣ доир ба таърихи Тоҷикистони солҳои 20-30-уми асри XX, ки фаъолияти биступанҷҳазориён ва бригадаҳои сарпараст, раванди саноатикунонӣ, дигаргунсозиҳои кишоварзӣ ва тарбияи кадрҳои миллии Тоҷикистон ба ин давра рост меоянд,метавон истифода кард.

Бори аввал бо чунин шакл ва мазмун дар асосии таҳлили доираи васеи ҳуҷҷатҳои расмӣ раванди ба Тоҷикистон омадан ва саҳм гирифтани "биступанҷҳазориён" ва бригадаҳои сарпараст дар сохмони ҷомеаи нав дар ҷумҳурӣ, мавриди таҳқиқ қарор гирифта, таҷрибаи ҳамкории созандаи халқҳо нишон дода шудааст, ки аҳамияти калони илмӣ-назариявӣ дорад ва метавонад ҳангоми омода намудани асарҳои бунёдӣ истифода шавад

Маводи диссертатсия ва хулосаҳои он метавонанд дар омӯзиши фаъолияти биступанҷҳазориён ва бригадаҳои сарпараст, дар таълими курси махсус дар макотиби олӣ мавриди истифода қарор гиранд.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар натиҷагирии мавзуъ дар он ифода меёбад, ки ӯ дар асоси ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва манбаъҳои муътамад, шумораи зиёди асарҳои нашргардида ва матбуоти даврии солҳои 1930-уми асри XX доир ба ҷараёни сохтмони колхозӣ, обёрикунонии маҳалҳои кишвар ва сохтмони иншоотҳои саноативу маишӣ дар Тоҷикистон, саҳми биступанҳазориён дар татбиқи ин лоиҳаҳо бори нахуст дар таърихи ватанӣ таҳлили маҷмӯии таҳқиқоти мазкурро анҷом додааст. Дар натиҷаи омӯхтани сарчашмаҳои гуногун муаллиф онҳоро дар маҷмуъ таҳлил намуда, саҳми биступанҳазориён ва бригадаҳои сарпарастро дар шакли мукаммал нишон додааст.

**Пешниҳоди диссертасия ба Шурои диссертатсионӣ.**
Бобҳои диссертастия мутобиқи мақсаду вазифаҳои гузошташуда таҳрезӣ шуда, баррасию таҳқиқи он дар сатҳи баланди илмӣ қарор дорад. Хулосаҳои диссертант илмӣ буда, ба талабот оид ба барасимиятдарории диссертатсия ва автореферати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи Мирзоев Ғолибшо Шарифович дар мавзӯи «Фаъолияти «биступанҷҳазориён» ва бригадаҳои сарпараст дар Тоҷикистон (солҳои 1929-1941)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02- таърихи ватанӣ барои дифоъ ба Шурои

диссертатсионии 6Д.КОА-035 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ пешниҳод карда мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи Шурои олимони факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 20. 04. 2022, № 10 қабул шудааст

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 18 нафар
Натиҷаи овоздиҳӣ:
«ҷонибдор»- 18 нафар
«муқобил»- нест
«бетараф»-нест
Протоколи № 10 аз 20. 04. 2022

**Раисикунанда:** раиси Шӯрои олимони факултети таърих ва ҳуқуқи ДДБ ба номи Носири Хусрав номзади илмҳои сиёстатшиносӣ, дотсент Исозода Т.И.

**Ташхисгарон:**
Доктори илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи умумӣ ва фарҳангшиносии ДДБ ба номи Носири Хусрав Алимов Д.Х.

Номзади илмҳои таърих, саромӯзгори кафедраи ҳуқуқи ДДОТ ба номи С.Айнӣ Маҳмадов У.Д.

**Котиби ҷаласа:** котиби Шурои олимони факултети таърих ва ҳуқуқ Бандайшоева М.Н.

Имзоҳои Исозода Т.И., Алимов Д.Х., Маҳмадов У.Д., Бандайшоева М.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК МДТ
«ДДБ ба номи Носири Хусрав» Шукурзод Ҷ.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС